# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

*Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар...*

№ 5 (382) / 19 апрели соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

www.mehnat.tj Rrohnamo@mail.ru +992 93-483-36-36 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАҲЛИЛ 3

АҲАММИЯТИ ҚОНУНИГАРДОНИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ



ФЕСТИВАЛ 4

«ҲУНАР БЕҲТАР АЗ ЗАР БУВАД»




ШУҒЛИ АҲОЛӢ 5

ҲАДАФ – ТАЪМИНИ СОКИНОН БО ҶОЙИ КОР



ДОҒИ РӮЗ 6

ТАХРИБКОРОН ФОҶИА ВА БАДБАХТӢ МЕОРАНД



# «ҲУНАР БЕҲТАР АЗ ЗАР БУВАД»

## Фестивали ҳунармандони Тоҷикистон ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ



**Дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» бо ташаббуси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таҳти унвони «Ҳунар беҳтар аз зар бувад» Фестивали ҳунармандони Тоҷикистон ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.**

Дар фестивал аз гӯшаву канори мамлакат ҳунармандони чирадасти тоҷик навъҳои гуногуни ҳунари миллӣ, аз қабили оҳангарӣ, рехтагарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, кордсозӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, табақтарошӣ, гаҳворасозӣ, созтарошӣ, шонасозӣ, кулолгарӣ, танӯрсозӣ, бофандагӣ, қолинбофӣ, чармгарӣ, қаннодӣ ва монанди инҳоро бо пешниҳоди беҳтарин маҳсулоти ҳунармандӣ манзури ҳайати ҳакамон, сокинон ва меҳмонони пойтахт намуданд.

Дар фестивали мазкур муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони вазорату идораҳо иштирок намуданд.

саҳ. 4

ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ: 231-49-19

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТ
## дар семоҳаи якуми соли 2023

14-уми апрели соли 2023 ҷаласаи васеи ҳайати мушоварaи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти фаъолият дар семоҳаи якуми соли 2023 таҳти раёсати вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода баргузор гардид.

Дар он муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат ва сардорони раёсатҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ ширкат варзиданд.

Доир ба масъалаи рӯзномаи ҷаласа – «Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи якуми соли 2023», дастовард ва мушкилоти соҳа маърузаи муовини вазир Ализода Алишер шунида шуд.

Зикр гардид, ки вазорат фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, супоришҳои протоколии маҷлисҳои Раёсат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти барномаҳои стратегии мамлакат ва Ҳадафҳои рушди миллӣ ба роҳ монда, ба як қатор натиҷаҳо ноил гардид.

Дар ин давра, ҷиҳати такмил ва рушди низоми қонунгузории соҳа ва фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ ва танзими фаъолияти соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 11 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардид, ки аз ин шумора 1 лоиҳа ба тасвиб расида, 4 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 лоиҳа дар мувофиқа бо вазорату идораҳо қарор доранд.

Дар шароити кунунӣ яке аз воситаҳои таъмини суботи иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини кафолатҳои иҷтимоию меҳнатии кормандон маҳз шарикии иҷтимоӣ мебошад, ки ҳамкории муштараки мувофиқашудаи давлат, корфармоён ва мақомоти намояндагии кормандон – иттифоқҳои касабаро таъмин менамояд.

Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ ҷаласаи Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар он танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои нақшаи чорабиниҳои Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2023, инчунин рақамикунонии шартномаи коллективӣ ҳамчун қадами аввалини дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ баррасӣ гардида, қарори дахлдор қабул гардид.



Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳар як раёсат ва сохторҳои вазоратро дар семоҳаи якуми соли 2023 мавриди баррасӣ қарор дода, зимни пурсиш аз натиҷаҳои ноилгардида барои тақвияти фаъолият ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Доир ба масъалаи баррасишуда дар маҷлиси ҳайати мушовара қарори дахлдор қабул гардид.





# ҲАМКОРИҲОИ МУШТАРАК
## роҳандозӣ мегарданд



Ба наздикӣ Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар мавриди омӯзиши қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо иштироки Назаров Мансур – сармутахассиси Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросими Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сабоҳат Рустам – мудири Бахши иттилоотӣ Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсату шуъбаҳо, мудирони бахшҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисони дастгоҳи марказии агентӣ, сардорони раёсат ва шуъбаҳои Агентӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва директорони муассисаҳои таълимӣ касбии система мизи мудаввар баргузор намуд.

Чорабинии мазкурро муовини директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ Искандарзода Матлуба Мулло оғоз намуда, зикр кард, ки баргузории чорабинӣ бо мақсади омӯзиши қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамояд ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҷиҳати пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд тахассус дода шудааст.

Бо ин ҳадаф дар дастгоҳи марказии агентӣ бобати иҷрои ҷараёни қонунҳои болозикр комиссияҳои доимоамал дар асоси фармоишҳои директори агентӣ таъсис дода шуда, барои пешбурди фаъолияти онҳо шахсони масъул ҳамчун аъзо вобаста шудаанд. Комиссияҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти мазкур, Низомнома ва нақшаи чорабиниҳо тибқи талаботи муқарраргардида фаъолияти худро роҳандозӣ менамоянд.

Дар рафти чорабинӣ Мансур Назаров – сармутахассиси Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросими Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сабоҳат Рустам – мудири Бахши иттилоотии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нуктаҳои асосии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» суханронӣ карданд.

Дар фарҷом тасмим гирифта шуд, ки ҷиҳати самарбор ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт ҳамкориҳои муштарак ба роҳ монда мешаванд.

**Шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

**АГЕНТИИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ: 236-96-02**

# ШУҒЛИ ҒАЙРИРАСМӢ
## ва аҳамияти қонунигардонии муносибатҳои меҳнатӣ

**Дар муносибатҳои меҳнатии байни субъектҳо (корфармоён ва кормандон) баъзан ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки аз шумораи муайяни шаҳрвандоне, ки ин ё он намуди фаъолиятро амалӣ менамоянд, на дар муносибатҳои меҳнатӣ ва на дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-гражданӣ бо корфармо қарор надоранд ва онҳо, зимнан, мақоми соҳибкориро низ касб карда наметавонанд. Дар ин маврид матолиби зер пешниҳоди хонанда мегардад.**

Пӯшида нест, ки як қатор корфармоён бо мақсади сарфа ва пинҳон намудани пардохтҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ кормандро ба кор қабул намуда, талаботи қонунгузории меҳнатро оид ба ҳатман ба расмият даровардани муносибатҳои меҳнатӣ ба инобат намегирандва хоҳиши шаҳрвандро барои бақайдгирӣ ва барасмиятдарории қабул ба кор рад намуда, таври ғайрирасмӣ фаъолият намудани кормандро пешниҳод менамоянд. Ҳол он ки тибқи расмиёти қабул ба кори бо қонунгузорӣ муқарраршуда ва талаботи моддаи 16 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои меҳнатӣ танҳо дар асоси шартномаи меҳнатии хаттӣ басташуда байни кофармо ва корманд ба вуҷуд меояд. Дар ҳамин замина тартиби бастан, мазмун, муҳлат, мавзуъ, барасмиятдарорӣ ва намуди шартномаи меҳнатӣ дар муқаррароти моддаҳои 16-26 Кодекси меҳнат ба таври муфассал ва возеҳ ба танзим дароварда шуда, риоя ва иҷрои он барои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ ҳатмӣ мебошад ва яке аз уҳдадориҳои асосии корфармо ба ҳисоб меравад.

Аз ин бармеояд, ки шаҳрванди барои қабул ба кор муроҷиат намуда, сарфи назар аз донистани амали ғайриқонунии корфармо ва худи корманд, ба фаъолияти меҳнатии ғайриқонунӣ розӣ мешавад ва дидаю дониста даст ба қонунвайронкунӣ мезанад. Ҳол он ки чунин намуди шуғл аз бисёр ҷиҳат ба худи шаҳрванд таъсири манфӣ расонида, ба таъмин нагардидани ҳуқуқу кафолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ нисбати худи корманд боис мегардад. Вобаста бағуфта чунин савол ба миён меояд, ки чаро шаҳрвандон чунин намуди фаъолият, яъне шуғли ғайрирасмиро ихтиёр мекунанд?

Барои муайян намудани сабабу шароитҳои ба шуғли ғайрирасмӣ мусоидаткунанда, таҳлилҳои санҷишҳои ғайринақшавӣ вобаста ба бартараф намудани шуғли ғайрирасмӣ, нишон медиҳанд, ки як қатор омилҳобоиси ба вуҷуд омаданишуғли ғайрирасмӣ гаштаанд.

Ҳангоми боздид аз субъектҳое, ки барои фаъолияти меҳнатӣ ба таври ғайрирасмӣ ба ҷалби шаҳрвандон роҳдодаанд, инчунин аз суҳбат бо кормандони субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣбармеояд, ки аксарияти онҳо дорои маърифати пасти ҳуқуқӣ мебошанд. Чунин кормандон ҳатто аз одитарин ҳуқуқҳояшон бехабаранд ва танҳо дар натиҷаи баргузории корҳои фаҳмонданва ташкили чорабиниҳои марбут ба шуғли расмӣ аз чунин ҳуқуқҳояшон бохабар мешаванд. Вале, новобаста аз огоҳонӣ оид бамуқаррароти қонунгузорӣ ва ҳуқуқу кафолатҳо муқарраргрардида, чунин кормандонро дар дигар субъектҳо, дар дигар давра такроран дидан мумкин аст, ки пас аз огоҳ гардидан аз талаботи муқарраршуда ва ҳуқуқу кафолатҳо ва инчунин, доир намудани корҳои фаҳмондантакроран шуғли ғайрирасмироихтиёр менамоянд.

Омӯзиш ва таҳлилҳо муайян намуданд, ки сабаби такроран ба чунин шуғл даст задани баъзе аз шаҳрвандон, ин нокифоягии ихтисос, надоштани маълумоти дахлдор ва рақобатнопазирӣ дар бозори меҳнат мебошад.

Агар дар умум сабабу шароитҳои ба шуғли бақайдгирифтанашуда мусоидаткунандаро номбар кунем, як қатор омилҳо ба вуҷуд меоянд, ки инҳо мебошанд: маърифати пасти ҳуқуқии шаҳрвандон; ғайриимкон будани фаъолияти меҳнатӣ дар шакли шартномавӣ; рақобати зиёд вобаста ба ҷойҳои кории холӣ; музди меҳнати ночиз;хоҳишманд набудани корфармо ба супоридани андозҳо; ҷадвали кории тағйирёбанда; даромади иловагӣ; тақлид ба дӯстон;нахостани таҳти назорати роҳбарият ва дар коллектив кор кардани баъзе аз шаҳрвандон; бе маълумоти сатҳи олии миёна ва касбию тахассуси дахлдор ба кор қабулшавӣ; рақобатнопазирӣ дар бозори меҳнат.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки махсусан ҷавонон ба шуғли ғайрирасмӣ рағбат доранд. Чунки ҳангоми шуғли ғайрирасмӣ маълумоти тахассусӣ талаб карда нашуда, бе таҷрибаи корӣ ба кор қабулкардан имкон дорад ва якҷо намудани омӯзиш ба ин ё он намуди фаъолияти меҳнатӣ имконпазир аст.

Дар натиҷаи рағбат пайдо намудани табақаи рақобатнопазири аҳолӣ дар бозори меҳнат ва майли ҷавонон ба шуғли бақайдгирифтанашуда бахши ғайрирасмии бозори меҳнат ташаккул меёбад, ки дар он кормандон аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худ маҳрум мешаванд. Бинобар ин дар ин масъала бояд худи шаҳрвандон масъулият ҳис намуда, дар мавриди барасмиятдарории қабул ба кор саҳми худро гузоранд ва аз корфармо дар доираи талаботи муқарраршуда барасмиятдарории қабул ба корро талаб намоянд. Дар сурати аз ҷониби корфармо рад намудани барасмиятдарории қабул ба кор ба мақомоти назорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ муроҷиат намоянд.

Бо боварии комил изҳор карда мешавад, ки қонунгузории соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии шаҳрвандон, таъмини самаранокии шуғлнокии аҳолӣ, таъмини ҳуқуқу кафолатҳои шаҳрвандон, чи ҳангоми қабул ба корва чи ҳангоми фаъолияти меҳнатииба талаботи муосир ва байналмиллалӣ ҷавобгӯ, дар сатҳи баланди ҳуқуқӣ таҳия шудаанд ва ба таъмини риояи ҳуқуқҳою манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона гардидаанд. Ҳар як шаҳрванди кишвар бо ҳисси баланди миллӣ ва ватандӯстӣ бояд дарк намояд, ки дар доираи талаботи муқарраршудаи қонунгузорӣ ва риояи бечунучарои қонунҳои кишвар фаъолияти меҳнатиро ба роҳ мондан кафили таъминоти сатҳи иҷтимоиихуди шаҳрванд ва ғанӣ гардидани буҷаи давлат ба шумор меравад. Аз пуриқтидор гардидани буҷаи давлат музди меҳнати арзанда, ҳифзи сатҳи иҷтимоии шаҳрвандон ва самаранокии шуғли аҳолӣ вобастагии бевосита калон дорад.

Ҳар як шаҳрванд бояд дар рушди иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, ҳамчунин дар бобати риоя ва татбиқи қонунгузории он саҳмгузор бошад ва дар татбиқи сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти кишвар бо як садоқати фавқулода муносибат намояд. Ҷалби ҳарчи бештари аҳолӣ ба шуғли расмӣ яке аз омилҳои ба буҷаи давлат ворид намудани ҳиссаи шаҳрвандон маҳсуб ёфта, бахри таъмини сатҳи баланди иҷтимоии шаҳрвандони аз буҷети давлат маблағгузоришаванда ва нафақаҳӯрону шахсони ба ёрии давлат эҳтиёҷдошта замина мегардад ва ба рушди шуғли арзандаиаҳолӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Ба талаботи қонунгузории соҳаи меҳнати амалкунанда ва мунтазам додани маълумоти тавсияҳои методӣ, инчунин расонидани ёрии амалӣ ва кумакҳои ҳуқуқӣ дар самти фаҳмондани риояи талаботи қонунгузорӣ, сарфи назар аз баргузории санҷишҳо вобаста ба назорати иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз ҷониби баъзе корфармоён ҳанӯз ҳам саркашӣ намудан аз барасмиятдарории қабул ба кор ва ғайрирасмӣ ба шуғл фаро гирифтани кормандон ба назар мерасад. Ин масъала низ шаҳодати он аст, ки корфармоён аз ҳуқуқу уҳдадориҳои бо қонунҳо муқарраршудаашон огоҳ набуда, рад намудани барасмиятдарории шуғл метавонад барои худи онҳо оқибатҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба вуҷуд орад.

Саркашӣ намудани корфармо аз барасмиятдарории шартномаи меҳнатӣ ва расмикунонии шуғли шаҳрвандонба шахсони барои кор муроҷиатнамуда як қатор оқибатҳои манфӣ дошта, сабаби таъмин нагардидани ҳуқуқу кафолатҳои бо қонун муқарраршуда мегардад ва барои андешидани чораю ҷазоҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ замина мегузорад, ки дар интиҳо ба ҳар ду ҷониб, ҳам барои корфармо ва ҳам барои корманд, боиси масрафи ғайричашмдошту ҳолатҳои ногувор мегардад. Дар натиҷаи фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ оқибатҳои манфӣ барои кормандон инҳо мебошанд:

- пардохт накарданидавраи корношоямӣ ва рухсатиҳои меҳнатӣ (рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола, рухсатиҳои таълимии донишҷӯён, пардохти ҷубронпулии рухсатиҳои меҳнатии истифоданашуда. Рухсатии иловагӣ барои кор дар шароити зарарнок, хатарнок ва вазнини меҳнат);
- напардохтани маблағи иловагӣ барои кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои ид ва истироҳат;
- маблағҳои ҳисобинашуда ҳангоми аз кор озод намудани кормандон бинобар ихтисори воҳиди корӣ;
- набудани кафолати нигоҳ доштани ҷойи корӣ дар давраи корношоямии муваққатӣ, рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд варухсатӣ барои нигоҳубини тифл;



- гирифта натавонистани қарзи бонкӣ ва раводид;
- ғайримкон будани пардохти ҷубронпулиҳои муқарарнамудаи қонун зимни тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот бинобар ғайрирасмӣ фаъолият намудан;
- эҳтимолияти ба ҷавобгарӣ гирифтор гардидан ҳангоми дар эълюмия нишон надодани даромадҳо;
- барои пинҳон доштани пардохтҳои андоз ба шахсони воқеӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.
- барои ташкилотҳое, ки аз шуғли ғайрирасмӣ истифода менамоянд, аз диди аввал манфиат доранд, чунки масраф кам гардида, фоида аз ҳисоби напардохтани пардохтҳои ҳатмии бо қонун муқарраршуда меафзояд. Вале, дар сурати нисбати ташкилот истифода гардидани чораҳои ҷавобгарӣ, корфармо ба оқибатҳои камаршикан, ҳолатҳои дучор шудан ба муфлисшавӣ, надоштани имконияти чунин пардохтҳо, ки дар натиҷа тибқи талаботи қонунгузорӣ новобаста аз вазъи молиявӣ, ҳатто бо дар фурӯш мондани молу мулки корфармо пардохт намудани ҷуброни амали ғайриқонунӣ, ки бояд сари вақт амалӣ карда мешуд, дучор мегардад.

Мӯҳтарам шаҳрвандон, шумо метавонед дар ҳолати истифодаи қувваи кории ғайрирасмӣ (ба қайдгирифтанашуда), саривақт пардохт нагардидани музди меҳнатва истифодаи тартиби пардохти ғайриқонунии музди меҳнат, аз ҷониби корфармо рад кардани барасмиятдарории шартномаи меҳнатӣ ва раванди қабул ба кор ба Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ба суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 71 бо телефони боварии 2314919 ва суроғаи почтаҳои электронии info@khnm.tj, khadamotimehnat@khnm.tj ва ё сохторҳои он дар маҳал: khadamotimehnat-sugd@khnm.tj, khadamotimehnat-vmkb@khnm.tj, khadamotimehnat-khatlon@khnm.tj, khadamotimehnat-dushanbe@khnm.tj, khadamotimehnat-hisor1@khnm.tj, khadamotimehnat-vahdat@khnm.tj, khadamotimehnat-rasht@khnm.tj муроҷиат намоед.

**Сафаралӣ МАҲМАДЗОДА,**
**сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

**МД «МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН»: 250-35-42, 250-35-44**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# «ҲУНАР БЕҲТАР АЗ ЗАР БУВАД»

## Фестивали ҳунармандони Тоҷикистон ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ

**Дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» бо ташаббуси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таҳти унвони «Ҳунар беҳтар аз зар бувад» Фестивали ҳунармандони Тоҷикистон ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.**

Тазаккур дода шуд, ки бо ташаббус ва дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон рушд намуда, эълон гардидани соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, солҳои 2019-2021- Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва солҳои 2022-2026 -Солҳои рушди саноат, қабул гардидани Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, инчунин аз пардохти андоз аз маҳсулоти дар хона истеҳсолшуда озод кардани ҳунармандон натиҷаҳои сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат мебошад.



Фестивали мазкур барои эҳё намудани ҳунарҳои миллии ниёгон, баланд бардоштани ифтихори миллӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанги воло, тарбияи зебоипарастӣ, тарғибу ташвиқи либоси миллӣ, ба касбомӯзӣ ҷалб кардани занону духтарон ва ба насли оянда пешкаш намудану ба мерос мондани ҳунари аҷдодӣ мусоидат менамояд.






Натиҷаи фаъолият нишон дод, ки дар ин муддат бисёр намудҳои ҳунарҳои мардумӣ эҳё шуда, сафи соҳибкорон ва ҳунармандон афзудааст. Тибқи маълумоти дастрасгардида, дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 7000 ҳунарманд фаъолият намуда, аз имтиёзҳои фароҳамовардаи Ҳукумати мамлакат бархӯрдор мебошанд.

Бояд гуфт, ки мутобиқи низомномаи тасдиқшуда, фестивал дар се давр доир гардида, даври аввали он дар шаҳру ноҳияҳо ва даври дуюм дар маркази вилоятҳо доир шуд. Инак, даври сеюми фестивали мазкур ҷамъбаст карда шуд.

Дар даври ниҳоии Фестивал аз рӯйи 6 номинатсия наздик ба 100 нафар ҳунармандон аз ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ иштирок карданд.

Ғолибони даври ниҳоии Фестивал бо дипломи дараҷаҳои 1, 2 ва 3 сарфароз гардонида шуда, бо тухфаҳои пулию молӣ қадрдони карда шуданд.

Инчунин, барои ҳамкорӣ ва дар сатҳи баланд ташкилу баргузор намудани Фестивал ба вазорату идораҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо сипосномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Фестивал бо мақсади иҷрои «Ҷадвали баргузории фестивал, намоиш, ид, анъана ва ҳунарҳои мардумӣ ва ҷашну солгардҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2023 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда шуд.

Бояд иброз намуд, ки ҳунармандони моҳир дар ҳама давру замон усулҳои бадеиву техникӣ, наққошӣ, бофандагиву дӯзандагӣ, анъанаҳои касбӣ ва нозукиҳои ҳунарро ба вуҷуд оварда, онҳоро ҳифз намуда, ба шогирдон ва наслҳои оянда интиқол медоданд, ки ин бевосита ба пешрафти зиндагиашон мусоидат менамуд. Инчунин ҳунарҳои қадимии ниёгонамон тавассути сулолаҳои ҳунармандон аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидаанд.



Дар фестивал аз гӯшаву канори мамлакат ҳунармандони чирадасти тоҷик навъҳои гуногуни ҳунари миллӣ, аз қабили оҳангарӣ, рехтагарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, кордсозӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, табақтарошӣ, гаҳворасозӣ, созтарошӣ, шонасозӣ, кулолгарӣ, танӯрсозӣ, бофандагӣ, қолинбофӣ, чармгарӣ, қаннодӣ ва монанди инҳоро бо пешниҳоди беҳтарин маҳсулоти ҳунармандӣ манзури ҳайати ҳакамон, сокинон ва меҳмонони пойтахт намуданд.

Дар фестивали мазкур муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони вазорату идораҳо иштирок намуданд.











МД «АГЕНТИИ БОКОРТАЪМИНКУНӢ ДАР ХОРИҶА»: 221-40-15

# ҲАДАФ –
## таъмини сокинон бо ҷойи кор!

**Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди касбомӯзӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи давлату Ҳукумат дар вилояти Суғд шумораи корхонаҳои дӯзандагӣ ва марказҳои ҳунаромӯзӣ сол аз сол зиёд мешавад. Дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол ва Зафаробод коргоҳҳои дӯзандагиву қолинбофӣ ифтитоҳ гардид, ки дар натиҷа даҳҳо нафар занону духтарон соҳиби ҷойи кор шуданд.**

Дар вилоят дар самти амалӣ намудани супоришҳои Сарвари давлат вобаста ба таъмини сокинон бо кор чораҳои зарурӣ андешида шуда, давра ба давра шумораи ҷойҳои нави корӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ зиёд мегардад. Бино ба маълумоти масъулини Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд, мувофиқи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2023 дар вилоят қариб 20 ҳазор нафар шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд. То ба санаи 20-уми март бо мусоидати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ беш аз 4900 нафар бо ҷойи кор таъмин шуданд, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 90 нафар зиёд мебошад.

«Ҳамасола бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандоне, ки дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд ва дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд, квота муқаррар карда шудааст. Соли 2023 дар вилоят тибқи нақша 2153 ҷойи кори пешакӣ бандшуда, яъне квота дар назар дошта шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ бо мусоидати мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ наздик 500 нафар шаҳрванд аз ҳисоби квота бо ҷойи кор таъмин карда шуданд. Дар ин давра ба 176 нафар шаҳрванди бекор, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доштанд, қариб 653 ҳазор сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд. Бинобар маълумоти сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд Шермуҳаммад Нодирӣ, дар ин давра масъулини мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо корфармоён ҳамкории зиччо ба роҳ монда, дар самти таъмини шаҳрвандони бекор тадбирҳои муҳим андешидаанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар семоҳаи аввали соли равон ба 1324 нафар шаҳрванди бекори дар қайд, ки ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ муроҷиат намуда буданд, барои касбомӯзӣ роҳхат дода шуда, шумораи шаҳрвандони фарогир ба касбомӯзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 қариб 60 нафар бештар гардидааст.

Сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд илова намуд, ки: «Дар семоҳаи аввали соли равон аз 114 нафар шаҳрвандоне, ки аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озод гардидаанд, 50 нафарашон бо мусоидати мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо ҷойи кор таъмин шудаанд ва бо назардошти дар қайдбудагони солҳои қаблӣ ба 65 нафар кумакпулиҳои бекорӣ пардохт карда шуд".

Бинобa омори расмӣ, соли 2022 дар вилояти Суғд, дар умум қариб 30 ҳазору 300 ҷойҳои кори нав, муваққатӣ ва мавсимӣ ташкил гардидааст. Бо фаро расидани фасли баҳор ва оғоз гардидани корҳои саҳроӣ шаҳрвандони бешуғл бо кори мавсимӣ таъмин гардида, аз ин ҳисоб сатҳи зиндагиашон беҳтар мегардад. Бино ба маълумоти мавҷуда, соли гузашта дар вилоят 8730 ҷойи кори мавсимӣ мавҷуд буд ва имсол ин рақам бештар мегардад. Мавриди зикр аст, ки дар вилоят 78 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ арзи ҳастӣ мекунанд ва дар баробари саҳмдорони хоҷагӣ сокинони бешуғл низ бо ҷойҳои кори мавсимӣ таъмин мешаванд.

Самти дигари фаъолияти Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоят ин ташкили ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ ва ба ин васила таъмини сокинон бо ҷойи кор аст. Маълумот бозгӯйи он аст, ки давоми се моҳи соли равон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 78 маротиба ярмаркаи ҷойи кор ташкил гардида, тавассути он 508 нафар корҷӯй ва бекор бо ҷойи кор таъмин, 603 нафар ба касбомӯзӣ ҷалб ва 85 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шудаанд. Дар ин самт Шермуҳаммад Нодирӣ афзуд кард, ки: "Ҳар моҳ аз ҷониби корфармоёни шаҳру ноҳияҳо ба мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷойҳои кори холӣ (вакансия) пешниҳод мегарданд. Дар се моҳи соли 2023 танҳо аз ҳисоби вакансияҳо 4332 нафар бо ҷойи кор таъмин шуданд. Қобили гуфтан аст, ки бар замми ин ҳама дар семоҳаи аввал ба 1324 нафар шаҳрванди дар қайди бекорибуда барои касбомӯзӣ роҳхат дода шуд".

Бояд зикр намуд, ки дар мамлакат «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» амал мекунад ва дар натиҷаи иҷрои он сокинони бешуғл бо кор таъмин ва аз ин ҳисоб сатҳи зиндагиашон бамаротиб баланд мегардад. Ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини шаҳрвандон бо кор ва бо ин васила беҳтар намудани сатҳи иқтисоди ҳар оила ба шумор меравад. Татбиқи ин ҳадафҳои созанда ва нишондиҳандаҳои он сол аз сол беҳтару хубтар мегардад ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳоди муҳим дар ин самт саҳми арзанда мегузорад.

**Субҳиддин ҚОДИРОВ,**
**вилояти Суғд**

# ЯРМАРКА
## барои корхонаҳои саноатӣ

Ба наздикӣ дар шаҳри Душанбе бо ибтикори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳамбаста бо Хадамоти муҳоҷират ва КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод баргузор шуд. Ин маъракаи муҳим дар доираи эълон гардидани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" ва нақшаҳои муштараки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ниҳати ҷалби ҳарчи бештари аҳолии бекор ба шуғл дар корхонаву коргоҳҳои саноатӣ сурат гирифт.

Тавре аз раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ иттилоъ доданд, дар ярмарка корхона муассисаҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе фаъолона ширкат намуданд. Дар он аз тарафи ҶСК "НБО Роғун" - 1400, ҶДММ "Ваҳдат Текстайл" - 142, ҶДММ "Ноқили Талко" - 2800, ҶСК "Сементи тоҷик" – 54, ҶСП "Телеком технолоджи" - 9, инчунин соҳаи тандурустӣ - 37 ва соҳаи маориф - 20 ҷойи кории холӣ ва вазифаҳои озод пешниҳод карда шуд.



Дар натиҷаи баргузории ярмаркаи мазкур, дар маҷмуъ, 5000 ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод ба шаҳрвандон пешниҳод гардид. Ба 23 нафар барои ҷойи кор дар корхонаҳои саноатӣ роҳхат дода шуд ва ба 25 нафар ба касбомӯзӣ ҷалб гардид.

Аз ҷониби кормандони масъули Хадамоти муҳоҷират ба зиёда аз 100 нафар иштирокчиён 200 воҳид буклети роҳнамоӣ тақдим гардид ва корҳои фаҳмондан оид ба ҷалби онҳо бобати кор дар ширкатҳои сохтмонии ҶСК НБО «Роғун» чораён гирифт.

Бинобар хабари раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Душанбе, дар ин ярмарка беш аз 700 нафар сокинони пойтахт ва шаҳрвандон иштирок намуданд.

# ДАР НОҲИЯИ ВАРЗОБ

Дар ноҳияи Варзоб бо иқдомоти раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, кумитаи маҳаллаҳо, имомхатибон ва фаъолон дар маркази деҳаҳо, бахусус ҷойҳои серодам корҳои таблиғотӣ оид ба ҷалби шаҳрвандон ба кор дар ҶСК Нерӯгоҳи Барқи Обии «Роғун» бо маром идома дорад.

Ба наздикӣ бахши Хадамоти муҳоҷират, шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бобати ба ҶСК НБО «Роғун» ҷалб намудани коргарон дар маркази ҷамоати деҳоти "Чорбоғ" ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод баргузор намуданд.

Дар ин чорабинӣ аз ҷониби 16 ширкати пудратии ҶСК НБО «Роғун» воҳидҳои корӣ пешниҳоди корҷӯён гардид. Дар ярмарка бештар муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони бешуғл, муҳоҷирони меҳнатие, ки вурудашон ба Федератсияи Россия, Қазоқистон ва дигар давлатҳо манъ гардидааст, иштирок намуданд.

Дар рафти баргузории чорабинӣ ба 43 нафар тавсияномa ба ҷойи кор дода шуда, 51нафар бекороне, ки касбу ихтисос надоштанд, ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд.




Бояд ёдрас намуд, ки дар рафти баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод иштирокчиён ба шарту шароити кор, ихтисосҳо ва музди меҳнат дар ширкатҳои пудратии ҶСК НБО «Роғун» ошно гардиданд.

Инчунин, аз ҷониби масъулин ба иштирокчиён беш аз 780 нусха буклетҳои ёддоштӣ роҷеъ ба масоили гуногуни рӯз тақдим гардид.

**Орифҷон ОЛИМЗОДА,**
**сардори бахши Хадамоти муҳоҷират**
**дар ноҳияи Варзоб**

# ДАР ҶАМОАТИ ШАҲРАК



Ба наздикӣ бо ибтикори бахши Хадамоти муҳоҷирати ноҳияи Панҷ ва муштарак бо шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҷамоати шаҳраки Панҷ ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ ва вазифаҳои озод баргузор шуд.

Дар чорабинӣ зиёда аз 150 ҷойҳои холии кории ташкилоту муассисаҳои ноҳия ва ҷойҳои кории холӣ дар ширкатҳои сохтмонии НБО «Роғун» ба иштирокчиён пешниҳод гардид.

Бояд гуфт, дар ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ зиёда аз 400 нафар сокинони ноҳия ширкат варзиданд.

Дар чорабинии мазкур раиси ноҳия З. Шоҳиён, роҳбарони сохторҳои қудратӣ ва ташкилоту муассисаҳо иштирок доштанд.

**С. САИДОВ,**
**мудири бахши Хадамоти муҳоҷират**
**дар ноҳияи Панҷ**

МД «МАРКАЗҲОИ МАШВАРАТӢ ВА ОМОДАГӢ»: 225-05-75, 225-02-21

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ТАХРИБКОРОН

## фоҷиа ва бадбахтӣ меоранд

**Расидан ба Истиқлолияти давлатӣ, ба даст овардани Ваҳдати комили миллӣ ва таъмини сулҳу суботи саросарӣ ба рушди бонизоми мамлакат заминаи устувор мегузорад. Мардуми шарифи Тоҷикистон тахти андешаи "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол – Ватани маҳбуби ҳамаи мост" муттаҳид гардида, бахри бунёди ҷомеаи воқеан ҳам пешрафтаву мутамаддин саҳмгузорӣ намуда истодаанд.**

Бояд гуфт, дар замони муосир аз ҳама хатарҳои мавҷуда хатари терроризм ва тахрибкорӣ зиёновар дониста мешаванд, чунки дар сартосари дунё қудратҳои ҷаҳонӣ аз ин тамоюл сӯйистифода намуда, мехоҳанд, рақибони худро бо силоҳи терроризм мағлуб намоянд. Ҳар фарди ватандӯст дар асри ҳозира бояд дар заминаи худогоҳии миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ андешаҳои таҳмилиро сари вақт дарк намуда, аз интишори он ҷилавгирӣ кунад ва нагузорад, ки ин беморӣ аз нав ба шаҳрвандон сироят кунад.

Терроризм ва тахрибкорӣ дар замони муосир силоҳе дар дасти қудратҳои ҷаҳонӣ гардидааст. Бегуфтугӯ, мо аз рӯйдодҳои солҳои охир бармало мушоҳида мекунем, ки қудратҳои асосӣ табассути истифода аз терроризми байналмилалӣ мехоҳанд, ҳадафҳои геосиёсии хешро дар дилхоҳ минтақа роҳандозӣ кунанд. Ин тамоюли тавсеаёфта аз ҷониби абарқудратҳо маблағгузорӣ мегардад ва дар даст доштанашон рӯшан ба назар мерасад.

Тибқи муқаррароти Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар мамлакат муқаррар карда шудааст, ки инҳо: баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии экстремизм ва терроризм, нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти профилактикӣ, нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм, мақоми ҳуқуқии шахс ва фарҳанги сиёсии аҳолӣ, сатҳи таъминоти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ, таъсиррасонӣ ба омилҳои ба экстремизм мусоидаткунанда вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли инҳо маҳсуб мешавад.

Дар фаъолияти пешгирифтаи худ мо, кормандони дастоҳи марказии Хадамоти муҳоҷират, дар муқовимат бо терроризм ва экстремизм аз тамоми имкониятҳоро истифода намуда, бахри рушди босуботи кишвари азизамон саҳми арзишманд гузорем.

**Зарина КАРИМОВА,**
**муовини раиси ташкилоти ибтидоии ХҲДТ "Муҳоҷир"-и Хадамоти муҳоҷират**

# ДАР ШАҲРИ БОХТАР

*Ба наздикї муовини Сардори Хадамоти муњољират Рањмоналї Заробов бо ањли кормандони раёсати Хадамоти муњољират дар вилояти Хатлон ба бархе аз муњољирон-сокинони шањри Бохтар дар мавзуи "Пешгирии шомилшавии љавонону наврасон ба њаракатњои террористї, экстремистї ва тундгарої" вохурии судманд баргузор намуд.*



Зимни суханронӣ муовини сардори Хадамот гуфт, ҳар як шаҳрванди кишвар, ки ифтихори миллӣ дорад, бояд барои пешгирӣ аз паҳншавии ифротгароӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа ҷидду ҷаҳд намояд.

Аз ин рӯ, ҷомеаи моро зарур аст, ки имрӯз барои пешгирии омилҳои номатлуб ва воридшавии мафкураи бегона ба зеҳни мардум, тавсеаи мафкураи миллӣ, рушди иҷтимоиву сиёсии ҷумҳурӣ, таҳкими иттиҳоди неруҳои созандаи кишвар ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллат ва давлат, ҳамзамон мубориза бар зидди хурофотпарастиву ифротгароӣ таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд.

Афзуда шуд, ки иддае аз шаҳрвандони кишвари мо дар хориҷ дар муҳоҷирати меҳнатӣ, дур аз назорати волидон қарор доранд ва ба қавле, каме беаҳаммиятӣ, беназоратӣ ба тақдири онҳо метавонад боис шавад, ки онҳо фирефтаи доми гурӯҳҳои ифротӣ шаванд. Чунин гурӯҳҳо намехоҳанд, ки мардум дар тинҷию осоиштагӣ умр ба сар барад. Аз ин ҷо, мо бояд ҳушёрӣ ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, – зикр намуд ӯ.

Дар хатми вохурӣ муовини сардори Хадамот ба саволҳои иштирокчиён ҷавобҳои мушаххас дод.

# ҲУШЁРИИ СИЁСИРО

## набояд аз даст дод!

**Мубориза ба муқобили терроризму экстремизм ва дар умум ҳамаи падидаҳои номатлуб ва хатарҳои ҷаҳони муосир амалҳои дастҷамъӣ ва муттаҳидии тамоми аъзои ҷомеаро тақозо менамояд. Бо назардошти ин, дар фаъолияти раёсати Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва зерсохторҳои тобеи он дар шаҳру ноҳияҳо ҳам пеш бурдани корҳои фаҳмондан ва ташвиқотию тарғиботӣ вобаста ба ин мавзуъ мавқеи муҳим касб намудааст.**

Вобаста ба иттилоотонидани аҳли ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифати муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии падидаю ҳодисаҳои номатлуб, таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» тибқи Фармоиши Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба иҷрои Фармони мазкур корбарӣ таври густарда ҷараён дорад.

Бо ин ҳадаф раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд бо ташаббуси худ барои паҳн намудан дар байни иштирокчиёни чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ варақаи махсус омода ва нашр кард. Ҳамчунин, ба иштирокдорон матолиби ёрирасони ташвиқотию тарғиботии Хадамоти муҳоҷират низ дастрас мегардад, ки он ҳам аз муҳоҷирати бехатар мегӯяд. Илова бар ин, ҳамаи сохторҳои зертобеи раёсат дар шаҳру ноҳияҳо оғоз аз сари сол тибқи нақшаҳои кор дар ҳамкорӣ бо ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, кумитаҳои маҳалла ва дигар ташкилоту муассисаҳо дахлдор корҳои фаҳмонданиро ба роҳ мондаанд.

Бояд тавзеҳ дод, ки муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷумлаи табақаҳои осебпазири аҳолӣ мебошанд, эҳтимоли дар муҳоҷират ба доми фиреб афтодан ва ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ гаравиданашон афзун аст. Аз ин рӯ, волидон, наздикону пайвандон, кумитаи маҳаллаву ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, шуъбаю бахшҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо ва дигар ниҳодҳои дахлдор бояд ба таври дақиқ дар куҷо ва ба чӣ кор машғул будани онҳо, суроғаи ҷои зисту фаъолият ва рақами телефони мобилиашонро донанд, дар мавридҳои зарурӣ ба тамос баромада, ҳар қадамашонро зери назорати қатъӣ гиранд ва нагузоранд, ки ба роҳи бад қадам ниҳанд.

Миллати сарбаланди мо хуб медонад, ки ҷангу низоъ ва мухолифати мусаллаҳона даҳшату харобӣ, қатлу куштори афроди бегуноҳ, қашшоқию камбағалӣ, бадбахтию бадрӯзӣ, касодии иқтисодӣ ва шикасти қонунияти низоми давлатдориро ба бор меорад. Захмҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта то ҳол шифои комил наёфтаанд ва мардум он рӯзҳои сиёҳро ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Вале душманону бадхоҳони миллату давлат то ҳанӯз аз ҳадафҳои ғаразнок ва нақшаҳои нопоки худ даст накашидаанд ва хавфи ба доми фиреби онҳо гирифтор шудани шахсони дар ақидашон ноустувору зудбовар, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуд аст.

Дар чунин муҳиту вазъият, тибқи дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем, ташаббускор бошем, тамоми кӯшишу ғайрат, донишу малака ва қобилияти ташкилотчигии худро барои роҳнамоӣ кардани мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа ба корҳои ободонӣ сафарбар намоем.

**С.О. КАМОЛЗОДА,**
**сардори Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд**

# МУЛОҚОТИ МУШТАРАК



*Дар асоси наќшаи муштараки раёсати Хадамоти муњољирати Вазорати мењнат, муњољират ва шуѓли ањолии Љумњурии Тољикистон дар вилояти Суѓд бо ташаббуси шуъбаи Хадамоти муњољирати шањри Хуљанд дар толори маљлисгоњи Литсейи касбї-техникии №31 чорабинии иттилоотї-маърифатї оид ба муњољирати бехатар, пешгирї ва мубориза ба муќобили беморињои сироятї, аз љумла ВНМО, шомилшавии шањрвандон ба њизбу њаракатњои ифротгаро ва одамрабої баргузор гардид.*

Дар чорабинӣ намояндагони ШВКД ҶТ дар шаҳри Хуҷанд, кумитаи маҳаллаҳо, донишҷӯён, муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо иштирок намуданд. Намояндаи мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии содиршавии қонунвайронкунӣ дар байни ҷавонону ноболиғон ва тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ суханронӣ намуд.

Пас-он суҳбати озод ва саволу ҷавоб байни маърӯзачиён ва иштирокчиёни чорабинӣ баргузор шуд.

Сардори шуъбаи Хадамоти муҳоҷирати шаҳри Хуҷанд Манзурахон Сатторова чорабиниро ҷамъбаст намуда, таъкид кард, ки корҳои фаҳмонданиро, пеш аз ҳама, бояд дар маҳаллаҳо ва оилаҳо ҷоннок намоем.

Шуъбаи Хадамоти шаҳр чунин чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатиро таври пайваста баргузор менамояд.

**РАЁСАТИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД: 834-22-6-51-99**

# «ЛИТСЕЙИ КАСБИ ДӮЗАНДАГИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ»

Ба маълумоти хатмкунандаго-ни (довталабони) синфҳои 9-ум ва 11-уми мактабҳои таҳсило-ти миёнаи умумӣ расонида мешавад, ки МДТ «Литсейи касби дӯзандагии шаҳри Душанбе»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ намудани та-лаботи шаҳрвандон бо гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ:

Шакли таҳсил рӯзона баъд аз хатми синфи нуҳ 2-сол ва баъди хатми синфи ёздаҳ 1-сола мебошад.

Хонандагони шакли таҳсилашон 2-сола баъди хатми муассиса ба Колеҷи муҳандисӣ омӯзгории шаҳри Душанбе ва Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова дар назди донишкадаи кӯҳӣ-металур-гии Тоҷикистон аз рӯи ихтисосҳо дар курсҳои дахлдор тариқи суҳбат интиқол дода мешаванд.

Литсей ҳама намуди фаъолияти таълими-ро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар гаштааст, амалӣ менамояд. Литсей метавонад шаклҳои гуногуни ташкили чораёни таълимиро рӯзона аз рӯи их-тисосҳое, ки тибқи тартибот муқаррар гардида шудааст ба роҳ монад:

Номгӯи ихтисосҳое, ки Литсей фаъолияти таъ-лимиро метавонад аз рӯи онҳо амалӣ намояд (минбаъд «Ихтисосҳои Литсей») аз ҷониби мақо-моти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷики-стон муқаррар карда мешавад.

**Номгӯи ихтисосҳо баъди хатми Синфи-9 (шакли таҳсил 2-сола)**

1. 3-500155 Дӯзанда
2. 3-500155.01 Гулдӯзӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва чарчинворӣ
3. 3-500155.3 Дӯзанда-пардадӯз
4. 3-500155.04 Либосдӯз (либосҳои миллӣ)
5. 3-500155.02 Дӯзанда-зардӯз
6. 3-500155.06 Буранда
7. 3-400252.01 Ҳисобдор (бо донистани ком-пютер)
8. 3-250152.01 Системаи компютерӣ ва ин-тернеттехнология
9. 3-5200101 Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ

**Номгӯи ихтисосҳо баъди хатми синфи-11 шакли таҳсил 1-сола (техникӣ)**

1. 3-500155 Дӯзанда
2. 3-500155.01 Гулдӯзӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва чарчинворӣ
3. 3-500155.3 Дӯзанда-пардадӯз
4. 3-500155.04 Либосдӯз (либосҳои миллӣ)
5. 3-500155.02 Дӯзанда-зардӯз
6. 3-500155.06 Буранда
7. 3-400252.01 Ҳисобдор (бо дони-стани ком-пютер)
8. 3-250152.01 Системаи компютерӣ ва интер-неттехнология
9. 3-520101 Истеҳсоли маҳсулоти зар-гарӣ
10. 3-910231.01 Сартарош
11. 3-500155.07 Пойафзолдӯз

**ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ЛИТСЕЙ**

1. Ташкил ва татбиқи босамари чараёни таъ-лимӣ зинадор мутобиқи барномаи таълимӣ барои гирифтани таҳсилоти ибтидоӣ касбӣ;
2. Таъмини ҳифзи иҷтимоии хо-нандаго-ни Литсей (таъмин бо хоб-гоҳ, хӯроки гарми яквақта);



3. Ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос бо назардошти талаботи бо-зори меҳнат;

**Комиссияи қабул:**

Шахси ба муассисаи таълимӣ дохилшаванда ба номи директори таълимгоҳ бо нишондоди ихтисоси интихобкардашуда, ариза пешниҳод ме-намояд. Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

(шаҳодатнома дар бораи таваллуд) ё шинос-номаи таваллуд,

-ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот (аслӣ);
-маълумотномаи тиббӣ (038/У);
-маълумотнома аз ҷои истиқомат;
-чор дона сурат (андозаи 3х4 см);
-гувоҳномаи ҳарбӣ; (барои писарон)
- нусхаи шиносномаи падару модар.

**Нишонӣ:** ш. Душанбе, кӯч. Борбад 48 (рӯ ба рӯи Кохи Тоҷикистон).
тел.: 239-12-33; 987.89.34.71; 917.05.56.57; 987.43.43.29
**Email:duzandagi@mail.ru**

**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**
Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.
Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**




**РАЁСАТИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН: 8-3222-2-38-08**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**



## ХАЙРИ ҒАЙРИОДӢ

Ҳунарпешаи маъруфи Ҳиндустон Амир Хон хайри ғайриодӣ кард. Эълон дод, ки ҳар кас метавонад омада, аз хонаи ӯ 1 килограмм орд ройгон гирад. Бисёриҳо барои гирифтани «хайри ғайриодӣ» наомаданд. Аммо ҳар касе, ки онро гирифт, дар халтаи орд 15 ҳазор рупияи ҳиндӣ дарёфт.

Дар натиҷа, ин ҳунарпеша бо истифода аз зиракии худ ҳақро ба ҳақдор расонд.

## НИМШӮХИВУ НИМҶИДДӢ

- Духтурҷон, ёрӣ диҳед, чанд пуле хоҳед медиҳам, фақат маро шифо бахшед.
- Майлаш, вале пулро пешпардохт кунед.
- Ба ман бовар надоред?
- Гап дар боварӣ нест, дӯстам. Чанд касро нася муолиҷа кардам, ҳозир дар тобут дароз кашида, чунин вонамуд мекунанд, ки гӯё маро умуман намешиносанд.

## ШУМО ПИНҲОН БИШАВЕД, КИ...

- Зуд пинҳон бишав, ҳозир муаллимаатон аз наздамон мегузарад ва туро мебинад. Охир имрӯз ба дарс нарафтӣ, ҳатман сарзанишат мекунад, - гуфт бобо ба наберааш.
- Не, бобоҷон, шумо пинҳон бишавед, ки ман ба ӯ гуфтам, мурдаед ва ба ин сабаб дар дарс иштирок карда наметавонам.

**Маҳдии Ҳамидии Шерозӣ**

## ҒАЗАЛИ ҚУ

Шунидам, ки чун қуи зебо бимирад,
Фиребанда зоду фиребо бимирад.

Шаби марг танҳо нишинад ба мавҷе,
Равад гӯшае дуру танҳо бимирад.

Дар он гӯша чандон ғазал хонад он шаб,
Ки худ дар миёни ғазалҳо бимирад.

Гурӯҳе бар онанд, к-ин мурғи шайдо,
Куҷо ошиқӣ кард, он ҷо бимирад.

Шаби марг, аз бим он ҷо шитобад,
Ки аз марг ғофил шавад, то бимирад.

Ман ин нукта гирам, ки бовар накардам,
Надидам, ки қӯе ба саҳро бимирад.

Чу рӯзе зи оғӯши дарё баромад,
Шабе ҳам дар оғӯши дарё бимирад.

Ту дарёи ман будӣ, оғӯш во кун,
Ки меходад ин қуи зебо бимирад.

## ДУ ПАНД

Дунё он қадар беарзиш шудааст, ки аз шунидани сухани ҳақ меранҷанд, аммо барои дурӯғ ташаккур мегӯянд.

***

Хонаи бе зан гӯристон аст.

## ЯК ЛАТИФА

- Гӯш мекунам, чӣ арз доред?
- Рафиқ духтур, мехоҳам ҷовидон зинда бошам!
- Ин тавр бошад, зан бигиред!
- Пас, ҷовидон зинда мемонам?
- Не, аз орзуятон даст мекашед!

## БАРОИ ДУЗАНА

Эй мардаки дузана, мазорат бизана,
Ҷӯбҳои ҳаданги бешуморат бизана!
Ҳарчанд дилам нашуд дуоят бикунам,
Ғамҳои дили фигору зорат бизана.



## ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, Қ/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.

Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.


**Муассис:**
**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,** вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,** сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,** сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,** директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро барнамегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел: 93-738-22-66**
**98-745-00-00**
**98-851-81-23**

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо- Rrohnamo@mail.ru**

**НАШРИЯИ «ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ»: +992-93-738-22-66**